**Протоколи №5-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 30-юми майи соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 11 нафар аъзои
шуро _10_ нафар

**Раиси шуро:** Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми марти соли 2026, №83/шд тасдиқ шудааст, _10_ нафар иштирок доранд.

Оид ба оғози кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳод доред?

Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд.

Муқобил – нест. Бетараф – нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМА:

Қабул намудани диссертатсияи **Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) (Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ **Муродӣ Мурод Бердӣ**) ба экспертизаи аввалия ва таъин намудани комиссияи экспертӣ.

## БАРОМАД КАРДАНД:

Ахбори раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф. Ҳошимзода Б. Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли

2021, таҳти рақами 267 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошанд.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Юсуфӣ Ифтихор Абубакрзода дар мавзуи «Бунёди иншоотҳои азим дар публитсистикаи Шералӣ Мӯсо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

– **Азимов Аъзамҷон Холматович** – доктори илмҳои филологӣ, раиси комиссияи экспертӣ;

– **Бозорзода Нуриддин Шодипур** – доктори илмҳои филологӣ, узви шурои диссертатсионӣ, узви комиссияи экспертӣ;

– **Ҳайдаров Саъдулло Баҳриевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви комиссияи экспертӣ.

Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ Ҳошимзода Б.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Зоириён Б.Ш.